Ба Шурои диссертатсионии 6D. КОА-014 назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон (ш. Душанбе, кӯчаи Нахимова 64/14)

**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи "Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) пешниҳод гардидааст.**

Дар шароити имрӯзаи хоҷагидорӣ яке аз масъалаҳои мубраме, ки ба он дар сатҳи иқтисодиёт аҳамияти доимӣ дода мешавад, ин нигоҳ доштани мувозинати сатҳи таваррум ва пешгирии таъсири манфии он ба сатҳи рушди иқтисодиёт мебошад, ки ин масъала аз тарафи Қурбонов Вафо Намозалиевич мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуда, ба як қатор натиҷаҳои назаррас ноил гардидааст.

Вобаста ба баррасии ин масъала гуфтан зарур аст, ки дар шароити имрӯзаи иқтисодӣ яке аз масъалаҳои асосие, ки дар доираи он ҳукумати кишвар ва дигар зерсохторҳои марбута аҳамияти аввалиндараҷа медиҳанд, ин нигоҳдории сатҳи таваррум ва пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт мебошад. Аз ин хотир ташкили муҳити институтсионалии нигоҳдории сатҳи таваррум дар Тоҷикистон яке аз масъалаи мубрам ва зарурӣ дар шароити имрӯза маҳсуб меёбанд.

Илова бар ҳамаи ин муаллиф дуруст қайд намудааст, ки сабабҳои сар задани таваррум хосиятҳои гуногуни обективӣ, субъективӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дошта, ҳар гуна омил метавонад боиси ба миён омадани он гардад. Сатҳи фарогирии таваррум фарохмаҷро буда, асосан пайдоши он ба давлатҳои пешрафта ва хусусияти тамаддуни қадимадошта рост меояд. Новобаста аз оне ки иқтисодиёти давлат дар кадом сатҳ қарор дорад ва он агар ба муҳити беруна алоқаманд бошад, таъсири таваррум ва ё пайдо шудани таваррум дар он имконпазир аст.

Вобаста ба ин гуфтан зарур аст, ки мавзуи интихобнамудаи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) Қурбонов Вафо Намозалиевич муҳим ва актуалӣ буда, барои иқтисодиёти имрӯзаи Тоҷикистон зарурӣ мебошад, ки муаллиф дар ин самт ба як қатор дастовардҳои илмӣ ноил гардидааст. Ҳамзамон бо ин дар баробари як

қатор муваффақиятҳо сифати таҳқиқот беҳтар мегардид агар муаллиф ба масъалаҳои зерин аҳамият медод:

1. Сифати кор беҳтар мегардид агар муаллифи рисола дар доираи имкониятҳои иқтисодии кишвар ҳиссаи таваррумро вобаста ба номгӯи молҳои дохилӣ ва ҳиссаи молҳои воридотӣ муайян менамуд;
2. Таҳқиқот бурд мекард агар муаллиф дар зербоби алоҳида дар баробари ҷанбаҳои манфии таваррум баъзе ҷанбаҳои мусбии онро, ки хосияти муваққатӣ доранд баррасӣ менамуд.

Бо ибрози чунин нуқтаи назар гуфтан мумкин аст, ки автореферати диссертатсияи Қурбонов Вафо Намозалиевич дар мавзуи «Таваррум ва роҳҳои пешгирии таъсири манфии он ба рушди иқтисодиёт» барои дарёфти илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) дар сатҳи зарурӣ омода гардида, аз ҷиҳати мазмун ба талаботҳои мавҷудбуда мутобиқ мебошад.

Иловатан гуфтан зарур аст, ки автореферати диссертасияи таҳқиқгардидаи Қурбонов Вафо Намозалиевич ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба диссертатсияи доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз) омода гашта, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050900 – Молия (6D050901 – Молия, муомилоти пул ва қарз) аз рӯи ихтисоси номбурда мебошад.

**Номзади илмҳои иқтисодӣ, муаллими калони**
**кафедраи молия ва қарзи**
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон** **Султонов А.Н.**

**Нишонӣ: 734061, Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**ш. Душанбе, кӯч. Н.Қарабоев, 63/3**
**Телефон: (+992) 2-349161**
**Факс: (+992) 37-234-79-88**
**E-mail: abdu-s87@mail.ru**

**Дурустии имзои Султонов А.Н.-ро тасдиқ менамоям**

**Сардори раёсати кадрҳо. коргузорӣ ва**
**назорати ДТТ** Абдуназаров А.Ҷ.

ДОНИШГОҲИ ТЕХНОЛОГИИ ТОҶИКИСТОН * ТЕХНОЛОГИЧЕСКИЙ УНИВЕРСИТЕТ ТАДЖИКИСТАНА * РАЁСАТИ КАДРҲО, КОРГУЗОРӢ ВА НАЗОРАТ * УПРАВЛЕНИЕ КАДРОВ, ДЕЛОПРОИЗВОДСТВА И КОНТРОЛЬ